# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055
# ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 2

Хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 14.03.2020, суратҷаласаи № 10 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор санаи 23.11.2019, қарори № 2 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2019 таҳти № 166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Унвонҷӯ Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 марти соли 1987 дар ноҳияи Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ба факултети баҳисобгирию иқтисодӣ, ихтисоси омор дохил шуда соли 2010 бо дипломи аъло онро хатм намудааст. Аз соли 2010 то ҳол ба ҳайси ассистент дар кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Тӯли солҳои 2013-2017 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирзоев Сайали Сайвалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Азимов Абдумавлон Ҷалилович** – доктори илмҳои иқтисодӣ профессор, мудири кафедраи “Назарияи иктисодӣ”-и Донишкадаи Иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд;

4. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2014. - № 2/10(152). - С. 98-103. (0,4 п. л., 0,2 авт.).

5. Тенденция развития демографических процессов и его воздействия на окружающую среду // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2015. - № 2/3(165). - С.35-38. (0,25 п. л., 0,15 авт.).

6. Особенности методологических подходов к управлению трудавыми ресурсами рыночных условиях // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно – практический журнал. - Кыргызстан, 2017. - С.52-56. (0,3 п. л.).

7. Арзёбии омори сатҳи зиндагии аҳолӣ // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. -№ 6., ч. 2. - С. 46-51. (0,4 ч.ч., 0,15 аз муаллиф.).

8. Статистический анализ динамики численности населения и факторы её роста // Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. - 2018. -№3. - С. 101-106. (0,4 п. л., 0,1 авт.).

9. Вопросы моделирование зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - № 6. - С. 27-33. (0,4 п. л., 0,15 авт.).

10. Характеристика современной демографической ситуации и тенденция ее изменения в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. - №3. - С. 112-120. (0,5 п. л., 0,2 авт.).

11. Истифодаи усули индексӣ дар омӯзиши сохтори таваллуд // Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2019. - №4. - С. 135-148. (0,5 п. л., 0,2 авт.).

12. Таҷрибаи баъзе аз кишварҳо дар арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ // Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2019. -№3 (66). -С. 133-145. (0,8 ч. ч., 0,3 аз муаллиф.).

13. Иқтидори демографӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи иқтисодиёт // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. -№ 7. - С. 99-105. (0,4 ч.ч., 0,2 аз муаллиф.).

**Дар дигар нашрияҳо:**

14. Статистический анализ социально - экономических показателей Республика Таджикистан // Совершенствование денежно-кредитного механизма в современных условиях: материалы республиканской научно практической конференции (г. Душанбе, 16-июня 2012 г.) – Душанбе, 2012. - С.96-99. (0,25 п. л.).

15. Мақоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон; масъалаҳо ва дурнамоии рушди он: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 23-24 ноябри 2013 с.) - Душанбе, 2013. - С. 71-73. (0,2 ҷ. ч.).

16. Миграционные процессы- анализ ситуации и стратегии развития рынок труда в Республики Таджикистан // Бухгалтерский учет, анализ и аудит: современное состояние и переспективы развития: материалы республиканской научно-практической конференции (г.Душанбе, 14-15 марта 2014 г.) - Душанбе, 2014. - С.215-217. (0,2 п. л.).

17. Анализ и прогнозирование развитие демографических процессов в регионах Республики Таджикистан // Внедрение Международных стандартов аудита в республике Таджикистан: проблемы и перспективы: материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 29-31 мая 2014 г.) – Душанбе, 2014. - С.130-133. (0,25 п. л.).

18. Анализ и прогнозирование развитие демографических процессов и рынок труда в регионах Республики Таджикистан // Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, Научно-практической конфренции по теме: «Проблемы человеческого развития Республики Таджикистан в контексте реформирования социально-трудовых отношений» (г. Душанбе, 30-31 октября 2014.) – Душанбе, 2014. - С. 67-71. (0,3 п.л.).

19. Социально демографическая политика и пути решения региональных демографических проблем // Современные проблемы статистической науки и практики: материалы научно-практической конференции (г. Душанбе, 28-30 марта 2015.) –Душанбе, 2015. - С. 24-30. (0,43 п. л.).

20. Таҳлили омории динамикаи нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Илм ва фановарӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе: «Сино», 2015. - №2(6). - С. 21-23. (0,2 ҷ.ч.).

21. Особенности состояния рождаемости за меж переписной период в Республике Таджикистан // Идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: консепсияҳо, тамоюлҳо ва таҳдидҳо: маводи

конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш. Душанбе, 27-октябри 2016 с.) – Душанбе, 2016. - С. 135-138. (0,25 п. л.).

22. Региональные особенности воспроизводственных процессов населения // 20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ ва «Соли ҷавонон»: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (ш. Душанбе, 20 апрели 2017 с.) – Душанбе, 2017. - С. 246-249. (0,25 п. л.).

23. Особенности современных макроэкономических условий инфляции в Республике Таджикистан // Экономика Центральной Азии том 1, №1, (1 январь-март 2017). - С.36-45. ISSN 2542-0607. (0,5 п. л., 0,2 авт.).

24. Арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз масъалаҳои мубрами // Масъалаҳои мубрами ҳисобдорӣ, таҳлил, аудит ва омор дар шароити Тоҷикистон: маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию-амалӣ (ш. Душанбе, 2018.) – Душанбе, 2018. - С. 11-16. (0,4 ҷ.ч., 0,2 аз муаллиф).

25. Индексный метод анализа динамики рождаемости в Республике Таджикистан // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. ISSN 1694-7347. Международный теоретический и научно-практический журнал. – Кыргызстан, 2019. - №1 (24). - С. 286-290. (0,4 п. л., 0,2 авт.).

26. Демографическая ситуация и тенденция ее изменение в Республике Таджикистан // Масоили муҳими такомул ва рушди аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфренсияи байналмилалӣ. - Душанбе, 2019. - С.77-83. (0,43 п. л., 0,15 авт.).

27. Проблемы применения системы показателей при изучении демографической ситуации в регионах // “Годам развития села, туризма и народных ремесёл (2019-2021гг.)” и “400-летию Миробида Сайидо Насафи”: материалы республиканской научно-теоретической конфренции профессорско-переподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной (г. Душанбе, 20-27 апреля, 2019 г.) – Душанбе, 2019. – Том № 1. - С. 313-315. (0,2 п. л.).

**Ба унвони автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Ризоқулов Т.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, бо чунин эродҳо:

1) Ба ҳайси камбуди метавон дард кард, ки дар автореферат баъзе равандҳои иҷтимоӣ-демографии ба қадри лозима возеҳ ва шарҳ дода нашудааст;

2) Инчунин қисматҳои алоҳидаи баъзе аз навгониҳои илмӣ ба пуррагӣ кушода дода нашудааст.

2. **Исмоилов М.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи ак. Б. Ғафуров”, бо чунин эродҳо:

1) Сабабҳои камшавии аҳолии Тоҷикистон аз соли 2017 инҷониб бо пурраги шарҳ дода нашудааст. Саҳ 16;

2) Дар саҳифаи 18-и автореферат муаллиф нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-демографро барои таҳлилҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ истифода намудааст, аммо пайдар пай ба даст овардани натиҷаҳои онҳоро нишон надодааст;

3) Муаллиф дар автореферати худ пайдарҳамии масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро то андозае ба инобат нагирифтааст.

3. **Маҳмадбеков М.Ш.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини якуми сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1) Дар автореферат татбиқи моделҳои гуногуни оморию риёзӣ дар таҳлили равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ шарҳ ва тавзеҳ дода нашудааст;

2) Дар саҳифаи 10-уми автореферат ҷадвали №1, дар сатҳи зарурӣ таҳлил карда нашудааст ва натиҷаҳои ба даст овардашуда шарҳ дода нашуданд;

3) Дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд.

4. **Субҳонов А.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири бахши демография ва оилаи Институти иқтисод ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1) Таҳлили ҷадвалҳо дар автореферат хеле содда навишта шудаанд, онҳоро мукамал мекард хуб мешуд;

2) Дар баробари ҳолати кунунии афзоиши аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои таъсирбахши он дар автореферат шарҳи мухтасар оварда мешуд қобили қабул мегардид.

5. **Саякбаева А. А.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи милли Қирғизистон ба номи Ж. Баласагына, бо чунин эродҳо:

1) Ба назари мо хуб мешуд, ки фарқияти мафҳуми “равандҳои ичтимоӣ- демографи”ро аз дигар мафҳумҳои мавҷудаи адабиётҳои илмӣ шарҳ медоданд;

2) Дар автореферат хатогиҳои алоҳидаи стилистикӣ ва имлоӣ мавҷуданд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо дарназардошти ризоияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 октябри соли 2019 таҳти № 286) ва пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст. Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ қайд менамояд, ки:**

- **ҷанбаҳои назариявию методӣ** ва ташкили омӯзиши қонуниятҳои омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ бо назардошти вазъ ва ҳолати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун мебошад. Пешниҳод гардид, ки дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои демографӣ ва дар маҷмӯъ рафтори демографии аҳолӣ хусусияти мунтазам тағйирёбӣ дошта, аз омилҳои зиёд вобаста аст. Бинобар ин, омӯхтан ва муайян намудани дараҷаи таъсири омилҳои алоҳида ба равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ҷудо намудани маҷмӯи омилҳои таъсиррасон аз манфиат холӣ нест.
- **ошкор карда шудааст,** ки дар шароити муосир тамоюли инкишоф ва тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ гуногуншакл ва фарққунанда боқӣ монда бо назардошти ин ҳолат такмил додани махзани маълумотҳои оморӣ ва истифодабарии барномаҳои муосири коркарди онҳо тақозо карда мешавад. Татбиқи муодилаи регрессияи ҷуфт ошкор намуд, ки дар сурати зиёд шудани ақди никоҳ сад воҳид ба ҳисоби миёна 63 кӯдаки навзод таваллуд мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти муаллиф ошкор намуд, ки муҳоҷирати аҳолии қобилияти меҳнатидошта, мамлакатро аз оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-сиёсидошта эмин нигоҳ медорад.
- **исбот карда шуд,** ки дар сохтори синнусолии аҳолӣ тағйиротҳо ба вуҷуд омада, гузариши мунтазам аз намуди рушдёбандаи синнусолӣ ба намуди оддии азнавбавуҷудоварӣ сурат мегирад.
- **муқарар гардид,** ки натиҷаи таҳқиқоти интихобии гузаронидашуда аз маълумотҳои омори расмӣ қисман фарқ дошта, бо истифода аз барномаи

SPSS-20 натиҷаи муайян ба даст оварда шуда шарҳи илмию омории онҳо пешниҳод гардид.

➢ **асоснок намудани** зарурати татбиқи усулҳои асосии дурнамоии омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва ошкор сохтани тафовути минтақавии вазъи демографӣ бо ёрии таснифоти бисёрченакаи оморӣ. Зарурати ба кластерҳо ҷудо намудани минтақаҳо бо назардошти имкониятҳои иҷтимоӣ ва демографиашон ошкор ва муайян гардида, тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта барои ҳар яке аз онҳо пешниҳод гардид.

➢ **моделҳои гуногуни омориую математикӣ** барои ошкор намудани тафовути минтақавӣ пешниҳод гардида, амалигардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз танзими равандҳои демографӣ ба амал омаданд, дар сатҳи минтақаҳо бо назардошти ҳолати демографии ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ ва пешниҳод гардиданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **таҳқиқоти** диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалӣ илман асоснок карда шудаанд, ки онҳо барои самаранок ҳал намудани муаммоҳои баланд бардоштани тамоюлҳои асосии равандҳои демографӣ, дараҷаи дарозумрии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, даромад ва сатҳи зиндагии аҳолии кишвар имконият медиҳанд.
- **аҳамияти назариявии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муқарраароти асосии онро метавон барои такмил додани механизми ташаккули равандҳои демографӣ ва арзёбии онро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин барои мукаммал ва аниқ намудани тавсияҳои методии мақомотҳои омори давлатӣ оид ба муайян намудани шумора ва сохтори аҳолӣ истифода намуд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- **аҳамияти амалии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки методикаи дар он пешниҳодшуда ҳангоми гузаронидани таҳлили маҷмӯии ҳолати демографӣ дар ҷумҳурӣ ё дар минтақаҳо бо мақсади муайян намудани тамолҳои асосии равандҳои демографӣ ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада андешидани чораҳои зарурӣ оид ба самаранок идоракунии равандҳои демографӣ истифода шуда метавонад.
- **натиҷаҳои таҳқиқоти** методологию назариявии гузаронидашуда дар оянда ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии равандҳои демографӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак расонад. Дар амалия хусусан, дар низоми коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои шаҳру ноҳияҳои он бо мақсади баҳодиҳӣ ба инкишофи демографии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, мақомоти роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коркарди роҳҳои имконпазири такмилдиҳӣ ва идоракунии сиёсати демографӣ, инчунин дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши курси «Омори аҳолӣ», «Демографияи иқтисодӣ», «Омори иҷтимоӣ», «Муҳоҷиратшиносӣ», «Омори аҳолихалқӣ» истифода шуда метавонад. Тавсияҳои амалӣ-назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳқиқи равандҳои демографии аҳолӣ хело муҳим мебошад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- ошкор карда шуд, ки қонуниятҳои омории равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ хусусияти мунтазам тағйирёбӣ дошта, аз омилҳои зиёд вобаста мебошанд;
- системаи омории нишондиҳандаҳои равандҳои иҷтимоию демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд;
- воситаҳои методии таҳлили омории динамикаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард карда шуда, хусусиятҳои гуногуни омилҳои ватанӣ таҳия гардиданд;
- исбот карда шуд, ки сохтори синнусолии аҳолӣ аз намуди рушдёбандаи синнусолӣ ба намуди одии азнавбавуҷудоварӣ гузашта истодааст;
- татбиқи усулҳои асосии дурнамоии омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд;
- моделҳои гуногуни оморию математикӣ барои ошкор намудани тафовути минтақавӣ пешниҳод гардида, амалигардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуд;
- методикаи моделкунонии рушди равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар асосии гурӯҳбандии оморӣ бисёрченака пешниҳод карда шуд.

Пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада метавонанд дар оянда ҳамчун базаи маълумотҳо барои таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба танзим дарории оила, пешгирии теъдоди зиёди муҳоҷирон, пешгирии фавти кудакон, аз ҷумла, ба сифати асосҳои илмӣ-методӣ барои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳақиқони ватанию хориҷӣ, инчунин дар раванди омӯзиш дар муассисаҳои олии таълимии кишвар истифода бурда шаванд.

- **назария** дар таҳлилу таҳқиқи равандҳои демографӣ ва тамоюли тағйирёбии онҳо, рафтори демографии аҳолӣ ва қонуниятҳои он, идоракунии ин равандҳо бисёр олимони ватанию хориҷӣ саҳм гузоштаанд. Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мазкур дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дарҷ гардидаанд;

- **пешниҳодҳои асосӣ ба таҳлил:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаи гузаронидашудаи таҳқиқоти интихобии муаллиф ташкил додаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, иттилооти таҳлилии олимони ватанию хориҷӣ, маълумоти таҳқиқотии илмии махсуси Институти иқтисод ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ барои солҳои 2005– 2020, Стратегияи давлатии паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025-ро ташкил намудааст.

- **истифодаи** ғояи таҳқиқот бо таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи чопи даврии иқтисодӣ ва воситаҳои ахбори омма, маводи конференсияҳо, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии Интернет асоснок шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- саҳми шахсии муаллиф аз гузаронидани мушоҳидаи интихобӣ барои 400 хоҷагии хонавода буда, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили омории маълумотҳоро дар бар гирифтааст. Муайян намудани мақсад, вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳалли онҳо дар ҷамъбасткунӣ, мураттабсозӣ, ошкор ва пурра намудани роҳҳои назариявӣ ва амалии таҳлили омории равандҳои демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст;
- натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конфренсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир гашта ироа гардидаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2011-2019, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демографияи АИҶТ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.
- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (санади татбиқ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 январи соли 2020, № 01; Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 январи 2020);

- ҷамъовари ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар самти омӯзиши таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 27 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 5,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 13 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2011-2019 баргузор гардиданд, аз ҷониби муаллиф маърӯза карда шуданд.

Дар ҷаласа аз санаи 14.03.2020 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 қарор қабул кард, ки ба Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор дода шавад.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз “15” нафар аъзои умумии шӯро “15” нафар, аз он ҷумла “6” нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз “15” нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: тарафдор “15” нафар, зид – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **С.Ф. Низомов**

**И.в. котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.О. Мирзохонов**

**14.03.2020**